# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Валиева Халима Сухбонқуловна дар мавзуи «Хусусиятҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ», ки барои даёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; робитаҳои адабӣ пешниҳод шудааст**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Боби якуми диссертатсия “**Таҳлили мухтасари ҳаёт ва осори эҷодии Сайф Раҳимзоди Афардӣ**” ном дошта, дорои се фасл мебошад.

**Фасли аввали боби якум** аз ҷониби диссертант **“Баррасии адабиёти даврони истиқлол”** ном дошта, дар ин қисмати кор таъкид карда мешавад, ки миллати тоҷик дар як марҳилаи кӯтоҳ ба дастовардҳои назаррасе ноил гардид, ки дарку инъикоси бадеии онҳо тақозои замон аст. Диссертант дар фасли мазкур кӯшиш кардааст, ки дар як шакли муъҷаз нуқтаи назари хешро доир ба таҳаввулоте, ки дар адабиёти тоҷик ба шарофати навгониҳо дар низоми сиёсии даврони истиқлол ба вуҷуд омаданд, баён созад.

Диссертант, пеш аз ифроз намудани дидгоҳи хеш оид ба жанри ҳикоя дар даврони истиқлол, ки мавриди таҳқиқи фасли дуюми боби аввал аст, нуқтаи назарашро доир ба хусусиятҳои муҳимми насри бадеии ин давр баён намудааст. Ҳамин тариқ, ӯ бар чунин ақида аст, ки мурочиат кардани нависандагон ба таърихи бою рангин ва пурғановати халқи тоҷик, тавсифи образҳои қаҳрамонони давраҳои гузашта аз огоҳии миллии адибони ин давр дарак медиҳад.Баъдан диссертант ба тавсиф дар ҳикояҳои дар даврони истиқлол нашргардида таваҷҷуҳ намуда, зикр месозад, ки тавсиф хусусан дар маҷмуаҳои ҳикояҳои М.Юсуфов “Дар соҳилҳои Мӯлиён” ва маҷмуаи “Мусавварai нотамом”-и Диловар Мирзо тавсиф нақши бориз дорад.

Дар анҷоми фасли мазкур диссертант эҷодиёти адиберо, ки дар баробари Бахманёр ҷаҳонбинии тоза ва нодир дорад, яъне ба таҳлили осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ, зимни ташреҳи маҷмуаи ҳикояҳои ӯ таҳти унвони “Дурӯғи сафед” пардохтааст.

Дар **фасли сеюми боби якуми** диссертатсия романҳо ва қиссаҳои интиқодии насри тоҷик дар даврони истиқлолият мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Диссертант дар ин қисмати кор доир ба масъалаи таҳқиқшаванда ақидаронӣ карда, хусусиятҳои фарқкунандаи насри бадеии ин давраро пайгирона нишон додааст. Аз ҷумла зикр карда шудааст, ки насли муосир бояд аз дастовардҳои фарҳанги давраҳои гузашта, аз мероси гаронбаҳои ниёгони халқи тоҷик бархурдор бошад, зеро шинохти арзишҳои маънавию фарҳангӣ барои оянда аҳаммият дорад ва татбиқи ин мақсади наҷиб аз адибон вобаста аст.

**Фасли чоруми боби якум** “Тавсифи мухтасари ҳаёт ва осори бадеии Сайф Раҳимзоди Афардӣ” ном дорад ва дар он тазаккур дода шудааст, ки Сайф намояндаи он адибони тоҷик аст, ки дар солҳои 80-уми асри гузашта ба майдон омада, бо истеъдод ва имкониятҳои зеҳнии худ вазъи адабиётамонро дигаргун карданд. Зимни баррасии роҳи ҳаётӣ ва фаъолияти эҷодии Сайфи Раҳимзод диссертант ба хулосае меояд, ки сабаби солҳои зиёд аз мадди назари мунаққидону адабиётшиносон дур мондани эҷодиёти ӯ дар мураккабии сабки баёни Сайф мебошад. Аз мунаққидони касбие, ки ба мероси адабии Сайф баҳои сазовор ва ҳамаҷониба додаанд, диссертант А.Набавӣ ва А.Сайфуллоев, Б.Забехулло, У.Сафар, А. Амонро номбар кардааст.

**Боби дуюми диссертатсия “Нигоҳе ба тавсиф ва нақши он дар осори бадеӣ”** унвон гирифта, аз се фасл иборат аст.

Дар фасли аввали боби дуюми диссертатсия Боби дуюми диссертатсия диссертант барои аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани истилоҳи тавсиф кӯшиш ба харҷ дода, тазаккур медиҳад, ки тавсиф дар адабиёти бадеӣ нақши басо муҳим дорад. Ӯ бо далелҳои муътамади назариявӣ ва бо такя ба як қатор сарчашмаҳою фарҳангномаҳои адабӣ мафҳуми тавсифро шарҳ додааст.

Фасли дуюми боби дуюм ба таснифи намудҳои тавсиф бахшида шудааст. Дар ин қисмати кор барои нишон додани хусусиятҳои фарққунандаи тавсифи бадеӣ мисолҳои зиёд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант дар ин фасл сараввал дар бораи фардияти муаллиф ва сабки хоссаи ҳар як адиб сухан ронда, масъалаи тавсифдиҳиро на танҳо дар шахсияти инсон, балки дар ҷузъиёти намуди зоҳирӣ ва характери вай арзёбӣ намудааст. Дар баробари ин, диссертант андешаҳои худро дар хусуси манзар (пейзаж) ва тасвиркунии намуди дохилӣ, портрет ва интерер баён месозад.

Дар фасли сеюми боби дуюм нуқтаи назари диссертант дар хусуси сохтори тавсиф оварда шудааст. Дар ин фасл диссертант қайд мекунад, ки дар ин самт корҳои илмӣ ҳанӯз нокифоя ҳастанд. Бино бар ақидаи муҳаққиқ, махсусияти асари бадеӣ дар натиҷаи таҳлили бахшҳое ҳосил мегардад, ки ба дарки иловагӣ ва тафаккури созандаи объекти муроҷиат ё хонанда ниёз доранд. Боз як мушкилӣ дар он аст, ки ҳар як тавсиф таносуби бевоситаи байни мавзуи тавсифшаванда ва назораткунандаи онро дорост.

**Боби сеюми диссертатсия “Хусусиятҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзод**” ном дорад ва аз се фасл иборат аст. Дар ин фасли боби мазкур услуби фардии нависанда дар самти истифодаи тавсифҳо омӯхта шуда, мисолҳои зиёд мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Бино бар маълумоти диссертант, баъзе мунаққидони адабӣ муваффақияти осори Сайфро дар амиқии ақидаронӣ ва сарчабҳа будани тавсифҳояш мебинанд. Баъзе

мунаққидони дигар бошад, бар он ақидаанд, ки ин мураккабии баён ва доманадор будани тавсифҳо боиси як навъ душворфаҳмӣ мегардад. Аз ҷумла, дар фасли аввали ин боб диссетант тавсифҳои ба табиат ва унсурҳои он бахшидаи нависандаро таҳқиқ намуда, ба онҳо баҳои баланд додааст.

Фасли дуюми боби сеюм ба таҳқиқу омӯзиши тавсифҳои ба танӯр ва унсурҳои он, аз қабили дуд ва ғайра вобаста бахшида шудааст. Аз ҷумла зикр мегардад, ки дар осори Сайф ба ин ашёи рӯзғор таваҷҷуҳи хосса дода шудааст ва зимни он мо дар тавсифҳои адиб тавъам омадани маънавиётро бо вазъи равонии инсон дарк мекунем. Муҳаққиқ дар асоси маълумоти дақиқу муътамади сарчашмаҳои илмӣ масъалаи мазкурро омӯхта, дар заминаи қиссаҳои Сайфи Раҳимзод таҳқиқи муфидро анҷом додааст. Ба диссертант муяссар шудааст, ки ҳамаи хусусияти маъноӣ ва услубии насри бадеии адибро бо натиҷаи хуби илмӣ нишон диҳад.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷагириҳои асосии кори илмӣ, ки дар рафти таҳқиқ ба даст оварда шудаанд, ҷамъбаст гардидаанд.

Таҳлили маводи дар кори диссертатсионӣ пешниҳодшуда барои баровардани чунин хулоса имкон медиҳад, ки унвонҷӯй ба мақсади гузоштааш расидааст: маводи назариявии ба даст овардашуда ба низом даровarda ва мувофиқи нақшаи кори диссертатсионӣ сохторбандӣ карда шудааст. Консепсияҳои асосӣ ва маҷмуи нуктаҳои назариявӣ ошкор, баён ва арзёбӣ карда шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои автореферати муқарризишаванда, мехостем, баъзе норасоиҳо ва камбкдиҳои онро таъкид намоем, ки бартарафсозиашон ба манфиати кори илмӣ буда, моҳияти онро боз ҳам мустаҳкам хоҳад кард:

1. Ба андешаи мо, агар дар автореферат номи ҳар як фасли бобҳо зикр мегардид, беҳтар буд, зеро ин амал корро боз ҳам дақиқтару аниқтар нишон медод.

2. Дар автореферат баъзан ноаниқии фикр ба назар мерасад (саҳ. 15, 16, 19 ...), ки таассуроти хонандаро маҳдуд карда, барои дарки моҳияти масъалаи таҳқиқшаванда халал ворид месозад.

3. Кори диссертатсионӣ бо забони саҳеҳи илмӣ навишта шудааст, вале дар он ғалатҳои орфографӣ, услубӣ техникӣ ба назар мерасанд (саҳ. 3, 5, 8,11...).

Эродҳои дар боло зикршуда аҳаммияти илмии таҳқиқи диссертатсиониро халалдор намесозанд ва кори илмии Валиева Халима Субҳонқуловна дар мавзуи «Хусусиятҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» кори анҷомёфтаи илмии тахассусӣ маҳсуб ёфта, ба ҳамаи талаботи аз тарафи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ

пешниҳодшаванда ҷавобгӯй аст ва муаллифи он барои дарёфт намудани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; робитаҳои адабӣ мувофиқат менамояд.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи забони тоҷикии**
**Донишгоҳи славянии**
**Россия ва Тоҷикистон** **Раҷабова Раъно Раҳматовна**

**6.04.2024**

**Суроға: 734025 ш. Душанбе,**
**к. Қаҳҳорӣ, 22.**
**Тел.: (+992) 908 28 11 88**
**E-mail: j.o.92@mail.ru**

**Имзои н.и.ф., дотсент**
**Раҷабова Раъно Раҳматовнаро**
**«Тасдиқ менамоям»**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва ҚМ ДСРТ** **Раҳимов Абдулҳамит Абдибасирович**

**Суроға: 734025 ш. Душанбе,**
**к. М. Турсунзода, 30.**
**Тел.: 918 62 21 21**
**«6» 04 соли 2024**
**6.04.2024**